**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих Гадоев Ғозӣ ба диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он чеҳраҳои мондагори миллати тоҷик мебошад, ки дар саргаҳи адабиёт ва таърихнигории ватанӣ қарор дорад. Саҳми асосгузори адабиёти муосири Тоҷикистон, академик Садриддин Айнӣ дар инъикоси яке аз марҳалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик – нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX хеле барҷаста мебошад. Диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддин, ки ба ин мавзуи мубрам бахшида шудааст, масъалаи мазкур ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Бояд гуфт, ки омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони пуршебу фарози асри XIX асосан аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. С. Айнӣ  аз аввалин шахсонест, ки ба пажуҳиши ин масъала машғул гардидааст. Махсусияти осори ӯ дар он ифода меёбад, ки агар дар таърихнигории анъанавии тоҷикон, бештар ба инъикоси сиёсати шоҳону ҳокимон диққат дода мешуд,  пас С. Айнӣ ба таълифу баррасии таърихи мардум рӯ меорад. Ин ба марҳалаи таърихие рост омад, ки манотиқи тоҷикнишини Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ забт шуда, дар ҳаёти мардум дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ падид омад. Тафовути дигари осори С. Айнӣ дар он аст, ки ӯ тамоми воқеотро ҳамчун шоҳиди бевосита  навиштааст ва ахбори ӯ, дар катори аҳаммияти илмӣ доштан, барои дигар муҳаққиқон ҳамчун манбаъ хидмат мекунад. Бо дарназардошти ин, метавон Садриддин Айниро асосгузори мактаби муосири илми таърихнигории тоҷик номид.

Бояд тазаккур дод, ки С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди замон, вазъи ҷамъиятию сиёсии ибтидои асри XX-ро дар осори худ муфассалу воқеъбинона баррасӣ менамояд. Осори адабӣ ва публитсистии устод фарогири сиёсатҳои нодурусту зиддимардумии амирони манғит ва амалдорону дастнишондодҳои онҳо мебошад. Дар осори С. Айнӣ масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии замон тасвир шуда, мубориза ву рақобати носолим мансабталошӣ ва паёмади онҳо мазамат мегардад. Дар осори С. Айнӣ воқеаҳои муҳимми он давра, аз ҷумла Ҷанги якуми ҷаҳон, инқилобҳои минтақа ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии мардуми Шарқ ба ҳаёти тоҷикон баррасӣ мешавад, ки омӯзиши он аз нигоҳи имрӯз аҳаммияти муҳимми илмӣ ва тарбиявӣ дорад.

Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он талош намудааст, ки дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши илмии масъалаи мавриди таҳқиқ, робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ, объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсияро дақиқ муайян намояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши осори С. Айнӣ аз ҷониби Баҳорзода Сироҷиддин дар доираи диссертатсияи номзадӣ саривақтӣ буда, аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад. Ба диссертант муяссар гардидааст, ки бо истифода аз методу усулҳои махсуси таҳқиқоти илмӣ осори бунёдии С. Айниро дар қиёс бо сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мунсифона таҳлилу баррасӣ намояд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** ном дорад, муаллиф ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро дар охири XIX мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Махсусан, дар зербоби аввали боб вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар осори С. Айнӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоии халқи тоҷик бо зуҳури унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ дар ҷомеаи суннатӣ - исломӣ то ҷое тағйирот ба миён омад. Ин тағйирот, аз як тараф, ба ташаккули баъзе аз қувваҳои тараққихоҳ, махсусан табақаи равшанфикрон сабаб гардид. Онҳо зери таъсири ин таҳаввулот ба таҳлили вазъи замон пардохтанд. Дар ин замина баъзе асарҳои бунёдӣ таълиф шуданд, ки назари таърихнигорӣ назир надоштанд.

Устод С. Айнӣ вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии таърихи нимаи дуюми асри XIX-ро бо унвони давраи тираи халқи тоҷик аз нигоҳи манфиатҳои оммаи халқ баррасӣ намуда, дар пешрафти таърихнигорӣ саҳми хешро гузошт. Аз омӯзиш ва таҳлили осори ӯ маълум мегардад, ки дар инъикоси вазъи давраи мазкур вай бештар ба ходими дигари барҷастаи сиёсию фарҳангии вақт - Аҳмад Махдуми Дониш пайравӣ менамояд.

Муаллиф дар зербоби дувуми боб – **«Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ»**-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Устод вазъи мактабу мадорис ва аҳли зиёро мавриди таҳлил қарор дода, аз вазъи бӯҳронии фарҳанг хабар медиҳад. Омили асоси ин буҳронро, ки тамоми соҳаҳои фарҳангро фаро гирифта буд, дар маърифатии пасти сиёсии амир ва амалдорони давлатӣ медонист. Аз низоми нобасомони соҳаи маориф, ки замини рушди ҷомеа аст, шиква намуда, ягона роҳи аз ин бӯҳрон баромаданро дар ислоҳ кардани ин низоми истибдодии аморат медид.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ»** мавриди таҳлилу баррасӣ мебошад. Дар он муаллиф дуруст тазаккур додааст, ки сарчашмаи тамоми маълумоти марбут ба ҳаракати маорифпарварӣ осори С. Айнӣ чи аз асарҳои илмиаш ва чи аз он асарҳои бадеии, вай аст, ки фаъолияти ин ҷараёнро хеле равшан ва барҷасата инъикос намудааст.

Боби дувуми диссертатсия ки **«Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боб **«Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ»** ном дорад, сухан аз масъалаи хеле муҳим – истилои Осиёи Миёна ва паёмадҳои ҳамроҳ шудан ба империяи Русия баррасӣ шудааст.

Дар зербоби дувум **«Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия»** мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси маълумоту баррасиҳои устод С. Айнӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки яке аз омилҳои қувват гирифтани муқобилони ҷадидонҳо, ки ягона қувваи хайрхоҳи ҷомеа буданд, бесавод ва аз аҳкоми шариат дур будани аксари мардуми одӣ, махсусан ҷавонон, будааст.

Сатҳи саводнокӣ дар ҳолати пастарин қарор дошт, ки ин ба манфиати ҳукумати истибдодии давр буд ва то ҷое метавонист ба ин раванд мусоидат менамуд. Ақидаи «рамаро идора намудани чупон осон аст», шиори амирону амалдорон гардида, онҳо як ҳақиқатро фаромӯш карда буданд, ки омилони асосии истеҳсолот мардуманд ва дар ҳоле, ки эшон босаводу хирадманд бошанд, истеҳсолот меафзояду давлат тавоно мегардад. Вале барои дарки ин масъала амиру сарвари хирадманду дурандеш лозим буд.

Муаллиф дар зербоби сеюми боб **«Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ»**-ро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Қайд шудааст, ки инъикоси таърихи сиёсии ибтидои асри XX–и халқи тоҷик аз ҷониби муаррих С. Айнӣ тасодуфӣ набуда, яке аз принсипҳои он баланд бардоштани дараҷаи шуури сиёсии мардуми дар шароити нави таърихӣ- зуҳури инқилобҳои иҷтимоиву сиёсӣ буд.

Ҳамин тавр, **навгони илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки он нахустин рисолаи мушаххас оид ба саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ ҷойгоҳи Садриддин Айниро дар бораи омӯзиши масоили асосии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар қиёс ба осори таҳқиқотии дигар муаррихон таҳлилу баррасӣ кардааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои фаровони илмию таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия вазъи ҳунармандони Бухоро, ки дар осори Айнӣ роҷеъ ба он маълумоти хеле зиёд аст, ба таври мушаххас баррасӣ намегардад.

2. Муаллифро зарур буд, ки роҷеъ ба ташаббуси ҷадидон, махсусан ташкили «Ҷамъияти тарбияи атфол» дар асоси осори С. Айнӣ маълумоти бештар медод, вале аз чи сабаб бошад, ки дар ин хусус таваҷҷуҳ камтар ба назар мерасад.

3. Назари мустақилонаи муаллиф роҷеъ ба масъалаи таъсири сиёсати мустамликавии Русияи подшоҳӣ ба ҳаёти иқтисодии мардуми Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон камтар ба назар мерасад.

4. Ҳамчунин, дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо ҳангоми нашри монография лозим аст.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Рисолаи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор

мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихнигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд. Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

Диссерататсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти раками № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихнигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Гадоев Ғозӣ**

Имзои А. Гадоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Мустафозода А.**

17.05.2025

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121. ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj